ПРОТОКОЛИ № 6
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-092

аз 12 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Муовини раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 — Таърихи фалсафа

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Ниёзӣ Ё. Б.ва аъзоёни комиссия Содиқӣ Н.Н., Маҳмадҷонова М.Т. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 — Таърихи фалсафа ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 — Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда, .

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи

«Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқрризони расмӣ таъйин карда шаванд:

   - Диноршоева Зарина Мусоевна – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ;

   - Салимов Аслиддин Иномҷонович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 24 декабри соли 2026, соати 14^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор **Саид Н.С.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент **Ҳаитов Ф.Қ.**